№1980/13.3 аз 12.02.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» ба Шумо Фармоиши якҷояи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент» аз 28 январи соли 2019, №15 ва №1-ф, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 феврали соли 2019, №735 «в» ба қайд гирифта шудааст, барои иҷро ирсол менамояд.

Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки дар асоси патент пардохта мешаванд, тибқи тартиби муқарраршуда бо назардошти сатҳи таваррум дар соли 2018, 5,4 фоиз индексатсия карда шуда, аз моҳи феврали соли 2019 мавриди амал қарор дода мешаванд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки аз моҳи феврали соли 2019 оғоз намуда, нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият менамоянд, меъёрҳои дар асоси Фармоиши муштарак тасдиқшударо бо назардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ татбиқ намоянд.

Ҳамчунин, минбаъд меъёри андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда новобаста аз даромади бадастомада, набояд аз ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои патент, яъне 124,0 сомонӣ кам бошад. Андозаи андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бо назардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ муайян карда мешавад.

Замима дар ҳаҷми ___ варақ.

Раис Н. Давлатзода